«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии
Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих,
профессор
_____________ Убайдулло К. Н.
«___» _____________ 2019

# ХУЛОСАИ
## Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рисолаи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» дар Шӯъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шуда, дар Шӯрои илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 6 аз 25 июни 2019) тасдиқ гардидааст.

Дар раванди иншои рисола унвонҷӯ Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ ба ҳайси директори Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллии Тоҷикистон”-и назди Дасгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, ҳамзамон аз 28 апрели соли 2006 дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият кардааст.

Унвонҷӯ имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илмро 7 ноябри соли 2018 баҳои «хуб» (суратҷаласа дар асоси фармоиши Раёсати АИ ҶТ №30001/23-400 аз 13.09.2018), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 18.06.2019 бо баҳои «хуб» (суратҷаласа дар асоси фармоиши Раёсати АИ ҶТ №30001/23-217 аз 21.05.2019 тасдиқ шудааст) ва 23 сентябри соли 2019 аз фанни таърихи халқи тоҷик бо баҳои «аъло» (суратҷаласа дар асоси фармоиши директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ №13 аз 20.09.2019) супоридааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих Довутов Давлатхоҷа.

Рисолаи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима

гардида, ба дифоъ пешниҳод шудааст. Дар муҳокима докторҳои улуми таърих, профессорҳо Пирумшоев Ҳ., Саидов А., Ҳ.Камол, доктори илмҳои таърих Муллоҷонов С, доктори илмҳои таърих Хоҷаева Н. Ҷ., номзади илмҳои таърих Ғуломшоев С., номзади илмҳои филологӣ Ҳоҷиев А. ва номзади илмҳои таърих Азимова Б. иштирок карданд.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокима чунин **хулоса** карда шуд:

Аҳамияти мавзӯи рисолаи унвонҷӯ Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки он рисола ба таҳқиқи ганҷинаи нави ёфтшуда аз Кӯлоб ва то ҳол омӯхтанашуда, бахшида шудааст. Ин ганҷина, ба ғайр аз нав ёфшуданаш, аз чанд ҷиҳат дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Якум ин ки ин дафинаи аз Кӯлоб ёфтшуда дар бораи сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён сарчашмаи муътабар ва муҳим мебошад. Дуюм теъдоди умумии сиккаҳои ин ганҷина 1405 сиккаро дар бар гирифта, калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад.

Унвонҷӯ дар заминаи шиносоии илмии Ганҷинаи Кӯлоб кори арзишмандро анҷом додааст. Хондан ва шарҳ додани навиштаҷоти 1405 дирҳам ва муайян кардани мансубияти онҳо, хондани номи амирони Сомонӣ, халифаҳо, ҳокимони маҳаллӣ, сол ва макони зарб аз муҳаққик дақиқназарӣ ва заҳмати зиёдро талаб мекунад ва унвонҷӯ Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ баромадааст.

Рисола заминаи боэътимоди илмӣ дорад. Он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб, ки маълумоти гуногуни сиккашиносӣ ва таърихиро дар бар мегирад, навишта шудааст. Барои тақвияти маълумоти дар ин ганҷина ҷойдошта ва кушодани паҳлуҳои нави мавзӯи мавриди таҳқиқ, унвонҷӯ аз сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ ва китобу мақолаҳои олимони муосир ба қадри кофӣ истифода намудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки Ганҷинаи Кӯлоб, ки аксарияти онро (97,9 %  аз миқдори умумӣ) дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд, бори нахуст мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Он аз рӯи миқдор дар айни замон калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна ба ҳисоб рафта, доир ба сиккасозӣ ва муомилоти пулии замони Сомониён маълумоти навро дар бар мегирад. Бори нахуст феҳристи мукаммали ин ганҷина мураттаб шуда, ба матни рисола замима гардидааст. Нодирии Ганҷинаи Кӯлоб ҳамчунин дар он аст, ки дар таркиби он шумораи зиёди дирҳамҳои зарби Хуттал (581) мавҷуд аст ва он бузургтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Хуттал дар дунёст. Ин дар ҳолест, ки дар ганҷинаҳои сершумори дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ ёфтшуда дирҳамҳои Хуттал аз 1-2 дона то 10-20 дона мавҷуданд. Ин имконият медиҳад, ки бисёр масоили норавшан ва дақиқ омӯхтанашудаи

сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлони замони Сомониён аз гузашта бештар мавриди омӯзиш қарор гирад. Дар асоси дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб намояндагони нави сулолаи хутталии Баниҷуриён ошкор ва муайян шуданд.

Бобҳои рисола мазмунан ва мантиқан бо ҳам пайваст буда, мавзӯи таҳқиқшавандаро дуруст ва хуб инъикос мекунанд. Яке аз бахшҳои муҳими рисола муайян кардани таркиби ганҷина мебошад. Унвонҷӯ муайян кардааст, ки дар ин ганҷина аксарияти мутлақро дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд- 1370 дона ё 97,9 %. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар арафаи зери хок пинҳон кардани ганҷина, яъне охири соли 316 ҳ.қ./928-929 дар муомилоти пулии Хатлон нақши асосиро дирҳамҳои амирони Сомонӣ- Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад мебозиданд. Дар байни онҳо аксариятро (1251 дона ё 90,7 % аз миқдори умумии дирҳамҳои сомонӣ) дирҳамҳои амир Наср ибни Аҳмад ташкил мекунанд. Аз ин бармеояд, ки сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар Хуттал маҳз дар давраи ҳукмронии ҳамин амир ба дараҷаи баланди рушд расида, шумораи зарробхонаҳо низ афзоиш меёбад. Дар Хуттал мунтазам баровардани дирҳамҳо низ ба давраи ҳукмронии Наср ибни Аҳмад рост омада, аз соли 310/922-923 шуруъ шуда, то соли 316/928-929 идома меёбад. Дар пешорӯи зери хок кардани Ганҷинаи Кӯлоб дар Хуттал дирҳамҳои уммавӣ, аббосӣ ва саффорӣ низ дар муомилот буданд, аммо ба миқдори хеле кам. Дар Хатлон дар муомилот дирҳамҳои дар ин вилоят зарбшуда ва баъди он дирҳамҳои Маъдин, Самарқанд, Балх, Андароба ва Шош бештар ба назар мерасанд.

Бахши дигари рисола ба гурӯҳбандии дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб аз рӯи намудашон бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки то кунун ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонӣ зиёда чоп шудаанд, аммо дар ҳеҷ яке аз онҳо гурӯҳбандии муфассали сиккаҳо анҷом наёфтааст. Дар ин росто Ганҷинаи Кӯлоб ягона мебошад. Унвонҷӯ дар ин ганҷина 60 намуд ва 79 гузинаи дирҳамҳоро муайян намуда, шарҳ додааст. Гурӯҳбандӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки ганҷинаро дар баррасии масоили таърихӣ ва сиккашиносӣ ҳадди аксар истифода барад. Гурӯҳбандии пешниҳодшударо сиккашиносон метавонанд дар омӯзиши ганҷинаҳои дигар татбиқ кунанд ва ин дастоварди хуби илмӣ мебошад.

Дар таҳқиқи зарробхонаҳо низ унвонҷӯ натиҷаҳои хуб ба даст овардааст. Муҳимтарин дастовард дар ин самт дар таърихи сиккашиносии Сомониён бори нахуст кашфи зарробхонаи сомонии Вахш мебошад, ки ин зарробхона то кунун дар доираҳои илмӣ маълум набуд. Дар Тоҷикистон ҷойгир будани он на танҳо боиси ифтихор аст, балки имконият медиҳад, ки паҳлуҳои нави муомилоти пулӣ дар ин минтақа

кушода ва таҳқиқ карда шаванд. Хузури ин зарробхона ва зарробхонаи Суғд, ки дирҳамҳояш хеле каманд низ арзиши илмии рисоларо бештар намуда, дар ин қисмат Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ доир ба зарробхонаҳои Маъдин, Хуттал ва Андароба низ маълумоти наву ҷолиб овардааст.

Ганҷинаи Кӯлоб дар бораи вазъи сиёсии Хуттал низ ахбори муҳим медиҳанд. Аз ҷумла дар асоси сиккаҳо муайян шудааст, ки аз соли 270ҳ.қ./883 то соли 289 ҳ.қ./901-902 Хуттал мустақил буда, аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ идора мешуд. Соли 293 ҳ.қ./905-906 Исмоили Сомонӣ ин вилоятро ба давлати Сомониён ҳамроҳ мекунад ва ин санад барои таърихи Хатлон ва Сомониён хеле муҳим мебошад.

Ганҷинаи Кӯлоб сарчашмаи муҳими таърихӣ буда, барои омӯзиши сиккасозӣ ва давраҳои асосии мумилоти пулӣ дар Хатлон дар замони Сомониён, намудҳои дирҳамҳо, вазн ва қутри онҳо, вазъияти сиёсӣ, зарробхонаҳо, сулолаи маҳаллии Баниҷуриён маълумоти муҳим ва дар бисёр маврид навро дар бар мегирад. Ба доираи илм ворид кардани ин ганҷина асоси сарчашмавии омӯзиши сиккаҳои сомониро васеъ карда, барои таҳқиқи масоили гуногуни сиккашиносии Сомониён заминаи боэътимод муҳайё месозад.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ навишта шуда, тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррар намудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст. Мазмуни асосии рисола дар чаҳор мақолаи муаллиф, дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориданд, баён шудааст.

Ҳамин тариқ, рисолаи пешниҳодкардаи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ таҳқиқоти илмии арзишманд буда, унвонҷӯ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар рисола гузоштаашуда ба хубӣ баромадааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.

Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 сентябри соли 2019 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 8 нафар ҳузур доштанд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» – 8 нафар

«муқобил» – нест;

«бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 6 аз 20 сентябри соли 2019.

**Мудири шуъбаи таърихи**
**қадим, асрҳои миёна ва нав,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** Ҳамза Камол

Имзои д.и.т., профессор Ҳ. Камолро тасдиқ мекунам

**Сардори ШК**